# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шурои диссертатсионии 6D КОА-О15-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ оид ба диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.**

**аз "28" 12 соли 2022.** **ш. Душанбе**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия мутааллиқ мебошанд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби диссертант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Таҳқиқоти илмӣ масоили марбут ба идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили вазъи муосир ва муҳити рақобатии корхонаҳои саноатӣ, инчунин самтҳои асосии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мегарданд, ташкил медиҳад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки асосҳои назариявию методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатиро таҳқиқ кунад. Дар асоси миқдори зиёди иттилооти оморӣ ва маълумоти дигар манбаъҳо ба вазъи муосири корхонаҳои саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук, омилҳои дохилӣ ва берунии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук баҳогузорӣ карда шуда, иҷрои он таҳлил карда шудааст. Муаллиф истифодаи таҷрибаи хориҷиро дар таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук пешниҳод кардааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар ва барномаҳои амалинамоии он, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи саноат ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика), ки вобаста аз он ба Шӯрои диссертатсионӣ 6D.KOA-015 аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-юми январи соли 2022, таҳти №11/ шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 3,0 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Давлатова Р.Қ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Давлатова Р.Қ., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардидаанд, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Шурои диссертасионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Рауфӣ Абдуғаффор** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Ҷабборов Фатҳулло Амирович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ **Каримова М.Т.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ **Қурбонзода М.Р.**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Муқимова Н.Р.**

Имзоҳои аъзоёни комисияи экспертиро
тасдиқ менамоям; Сардори ШКваКМ
ДТТба номи академик М.С.Осимӣ **Шарипова Д.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ СПЕЦИАЛЬНОЙ РАБОТЫ